**Суханронии Вазири Маорифи Қирғизистон**

Мӯҳтарам Раиси Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Доктор Шамш Кассим-Лакҳа
Шоҳдухти арҷманд Заҳро Оғохон ва дигар аъзои Шӯрои Парасторон
Мӯҳтарам Раисони вилоят ва шаҳр
Устодони азиз! Донишомӯзони азиз! Волидони азиз!

Иҷоза диҳед шуморо ба хотири натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳе, ки дар паи ҳамкориҳои пурсамари мо ба даст омадаанд, табрик бигӯям. Ин ҳамкорӣ кафолате барои зиндагии бошукӯҳи фарзандони мо, яъне хатмкунандагони яке аз нодиртарин донишгоҳҳои ҷаҳон аст, ки нерӯ ва талоши он барои беҳбуди сифати зиндагӣ дар ҷомеаҳои кӯҳистон равона шудааст.

Муваффақ бошед, хатмкунандагони азиз!

Ман аз Волоҳазрат Шоҳзода Оғохон ба хотири ҳимояту кумакҳои арзишманд ва ҳикмату хирадмандиаш дар таъсис додани ин муассисаи барҷаста ташаккур мекунам. Ин муассиса то кунун натиҷаҳои назаррасеро ба даст овардааст, махсусан дар Нарин, ки шаҳраки донишҷӯии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар он ба унвони як омили муҳими шаклдиҳандаи рушду тавсеаи шаҳр зуҳур кардааст. Дар шаҳри Нарин дигаргуниҳои мусбате дар ҳоли рух додан ҳастанд ва ин бо саъю талоши Ташкилоти Оғохон оид ба рушд имконпазир гаштааст.

Сокинони Нарин аз маркази ташхисӣ ва табобатӣ, парки Саидалӣ Жакипов, ҷодаҳои беҳбудёфта ва зерсохтҳои обёрӣ ба таври фаъоле баҳра мебаранд. Ташаббусҳои Бунёди Оғохон боиси беҳбуди амалкардҳои кишоварзӣ шуда, 26000 нафар кишоварзон маҳоратҳои ҷадидеро касб кардаанд. Мо аз ташаббусҳо ва лоиҳаҳои ҷадиди Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар Ҷумҳурии Қирғизистон истиқбол менамоем.

Ин мояи ифтихори ман аст, ки аз меҳмонони мӯҳтарамамон аз саросари ҷаҳон ва аз эҳдокунандагони саховатманде, ки ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва мардуми Нарин кумакҳои арзишманд ироа намудаанд, истиқбол мекунам. Иҷоза диҳед, қабл аз ҳама аз онҳо ба хотири кумакҳои молии ҳадафмандонаашон ба фарзандони хонаводаҳои камдаромад ва осебпазир ташаккур ва қадрдонӣ намоям. Онҳо донишҷӯёни як донишгоҳи сатҳи ҷаҳонӣ шудаанд.

Меҳмонони арҷманд!

Кумаки шумо ба табдил додани Нарин ба як шаҳри донишгоҳии муҳташам мусоидат мекунад. Имрӯз дар Нарин 195 донишҷӯ ҳастанд, ки 78 нафарашон аз Қирғизистон ва 20 нафари онҳо аз худи Нарин мебошанд. Мо умеди зиёд дорем, ки ин рақамҳо афзоиш хоҳанд ёфт.

Истиқрори стандартҳои сифат дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо ҳимояти шарикони муътабари байналмилалӣ, монанди Донишгоҳи Кембриҷ, Донишгоҳи Саймон Фрейзер ва Донишгоҳи Технологии Сидней воқеан дилгармкунанда аст. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҳамкорӣ мекунад.

Барномаҳои босифати омӯзишии мақтаъи коршиносӣ, ки тавассути Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ироа шудаанд, роҳи донишҷӯёнро барои таҳсил кардан дар донишгоҳҳои машҳури ҷаҳон, аз қабили Донишгоҳи Браун, Донишгоҳи Дюк, Донишкадаи Иқтисоди Лондон, Донишгоҳи Миллии Сингапур ва дигар донишгоҳҳо ҳамвор намудааст.

Хатмкунандагони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ тавонистаанд шуғлҳои муносиберо ба даст оваранд ва ҳоло аз илму дониши бадастовардаи худ дар заминаҳои иқтисод, муҳити зист, фанноварӣ ва ҷомеашиносӣ барои рушди иқтисодӣ ва пойдории Қирғизистон истифода мекунанд.

Дар Қирғизистон 42000 омӯзандагон аз давраҳои омӯзишии марбут ба шуғлёбӣ дар заминаҳои забони инглисӣ ва технология, корофаринӣ ва омӯзиши фаннӣ ва касбӣ баҳраманд шудаанд, ки 55%-и онҳоро занон ташкил додаанд. Ин давраҳои омӯзишӣ боиси корёбӣ, рушди касбӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ гардидаанд. Ин аз талошҳои давлати Қирғизистон дар тарвиҷи касбу кор, навоварӣ ва корофаринӣ барои ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати таҷҳизоти рақамии Қирғизистон барои бештар аз ҳазор нафар кормандони давлатӣ давраҳои омӯзиши маҳоратҳои олии кор бо таҷҳизоти рақамӣ баргузор шудаанд. Баргузории давраҳои омӯзишӣ барои 60 мақоми баланпояи маданӣ дар заминаи пойдории шаҳрӣ ва давраҳои омӯзишӣ дар заминаи фанноварии сабз дар бахши сохту соз бо авлавиятҳои давлат созгор ва ҳамоҳанг ҳастанд.

Ман аз шунидани хабари роҳандозии як барномаи коршиносии аршад дар ҳавзаи рушди пойдор ва нақшаҳои оянда барои як барномаи докторӣ, ки ба унвони як маркази таҳқиқ ва рушду тараққии минтақа амал хоҳад кард, хушҳолам.

Мо аз ҳамкорӣ барои кумак кардан ба Донишгоҳи давлати Нарин, ки бар асоси он Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба Донишгоҳи давлати Нарин дар

беҳбуди барномаҳои академикӣ, манобеъи омӯзишӣ, имконот, хадамот ва қобилиятҳои таҳқиқотӣ кумак мерасонад, қадрдонӣ менамоям.

Ман инчунин бо камоли хушнудӣ эълон мекунам, ки ба наздикӣ дар Форуми глобалии дарпешистодаи «Schools2030» бо мавзӯи «Маориф барои ҳама — Имкониятҳо барои ҳама» иштирок намуда, эстафетаро гирифтам. Қарор аст, форум моҳи июни соли 2024 дар Қирғизистон баргузор шавад.

Хатмкунандагони азиз!

Ман ба шумо дар талошҳои илмӣ ва ҳирфаиатон самимонатарин орзуи муваффақиятро дорам.

Волидони азиз!

Фидокорӣ, ғамхорӣ ва муҳаббати шумо дар муваффақияти хатмкунандагони мо нақши муҳиме доштааст. Ташаккури зиёд!

Ин муносибати фавқулодаро бароятон табрик мегӯям!

Ман орзу дорам, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар анҷоми лоиҳаҳо ва барномаҳои ҷадид, беназир ва ҷаззоб ба комёбиҳои худ идома диҳад.

Ман мехоҳам аз Волоҳазрат Оғохон, Шоҳдухт Заҳро Оғохон, Доктор Шамс Кассим Лакҳа, аъзои Шӯрои Парасторон, устодон ва кормандони фидокори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, меҳмонони арҷманд ва ҳамаи касоне, ки барои пойдории Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ҳоли анҷоми вазифа ҳастанд, сипосгузорӣ намоям.

Ман сипосу миннатдории хоси худро ба ҳамаи башардӯстон ва ҳомиёне, ки дар рушди башардӯстӣ, кумак ба ҷомеаҳои кӯҳистон дар Қирғизистон ва дар саросари ҷаҳон саҳмгузорӣ мекунанд, изҳор менамоям.

Ташаккур!